ТДУ 631. 171+330 (575.3)

# САМАРАНОКИИ ИСТЕҲСОЛИ ГӮШТ ВА МАҲСУЛОТИ ГӮШТӢ

***Накимов С. П.*** *– ДТТ ба номи академик М.С.Осимӣ, унвонҷӯи Институти иқтисодиёти АИКТ*

***Мафҳумҳои калидӣ:*** *Ислоҳоти молистеҳсолкунандагон, захираҳои молиявӣ ва моддӣ, инфрасохтор, технологияи интенсивии чорводорӣ, ҷойгиркунанда самаранокии гӯшт, маҳсулоти гӯштӣ.*

Яке аз роҳҳои асосии рушди хоҷагии кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чорводории гӯштӣ маҳсуб меёбад. Ногуфта намонад, ки он дар раванди ислоҳот буҳрони амиқро паси сар карда истодааст. Ин, дар навбати худ алоқаманд аст ҳам ба мутобиқшавии соҳа ба шароити бозор, ҳам аз қарорҳои иштибоҳангези давлат дар раванди ислоҳоти комплекси агоросаноатӣ.

Чунончи, дастгирии буҷетии соҳа дар солҳои ислоҳот чандин баробар коста шуд, сармоягузорӣ, дастрас намудани хӯроки чорво, мавод ва таҷҳизот кам гардид, нархҳо афзуда, фарқияти онҳо зиёд шуд, ставкаҳои қарзӣ ба дараҷае расиданд, ки барои молистеҳсолкунандагон қобили қабул нестанд.

Бояд гуфт, ки нишондиҳандаи асосие, ки некуаҳволии халқро нишон медиҳад, истеъмоли маҳсулоти чорводорӣ ба ҳар сари аҳолӣ мебошад. Дар соли 2016 истеъмоли гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ ба ҳар сари аҳолӣ 27,0 кг-ро дар сол ташкил дода буд. Ин дар ҳолест, ки тибқи меъёри илман асоснокшудаи истеъмол он бояд 69 кг бошад.

Чӣ тавре ки мушкилоти зикршуда шаҳодат медиҳад, рушди бозори гӯшт ва таҳияи механизмҳои танзими он имрӯз яке аз вазифаҳои калидии хоҷагии кишоварзӣ ба ҳисоб меравад.

Масъалаи мавриди назар ва ҳолати имрӯзаи он аз набудани назарияи ҷавобгӯйи таҳиягардида оид ба мушкилоти мазкур дар илми иқтисоди ватанӣ гувоҳӣ медиҳад. Аз ин рӯ, таҳқиқоти мазкур муҳиммияти масъалаи интихоб-шударо асоснок мекунад ва аҳамияти амалӣ ва арзиши илмии онро тасдиқ менамояд.

Маълум аст, ки яке аз шартҳои асосии гузариш ба иқтисоди бозорӣ ташкили истеҳсолоти маҳсулоти рақобатпазир ба ҳисоб меравад. Маҳсулоти дорои чунин хусусиятро танҳо бо шарти мавҷудияти техникаи ҳозиразамон ва технологияи навтарин истеҳсол кардан мумкин аст. Аммо барои дастраснамоии техникаи ҳозиразамон ва технологияи навтарин маблағҳои бузургу воситаҳои молиявӣ заруранд, ки ҷумҳурии мо онро доро нест. Аз ин рӯ, замони ташкили корхонаҳои муштарак оид ба коркард ва нигоҳдории маҳсулоти хоҷагии кишговарзӣ, махсусан дар соҳаи гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ расидааст.

Дар вазъи воқеии мушкулоте баамаломада дар марҳалаи ҷорӣ камкардани ҳаҷми захираҳои молиявӣ ва моддии, ки ба рушди КАС , махсусан барои бунеди коргоҳу корхонаҳои нав равона мешаванд нодуруст аст. Илова ба ин, ҳолати фондҳои иттиҳодияҳои агросаноатӣ, зерсохтор-ҳои КАС, замонавикунонӣ ва азнавсозии онҳо, гузариш ба шакли нави меҳнат - технологияҳои захирасарфа-кунанда афзун намудани маблағ-гузориҳоро талаб мекунанд.

Вобаста ба ин зарурати ҳатмии иҷрои азнавтақсимкунии даромадҳо ба манфиати КАС ба миён омадааст. Ин корро дар ду самт анҷом додан дар назар дошта шудааст. Аввал, ҳиссаи маблағгузории умумиро бевосита барои истеҳсоли гӯшт ва махсулоти гӯштӣ афзун бояд намуд, ҳиссаи ташкили инфрасохтори маҳсулдеҳ, пойгоҳи коркарди маҳсулот ва истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ, захираҳои зарурии моддию техникиро махсусан ҷудо намудан зарур аст; дувум, равонасозии соҳаҳои дигари хоҷагии халқ барои истеҳсоли маҳсулоти мошинсозӣ ва маҳсулоти дигари зарурии КАС.

Таваҷҷуҳи асосӣ дар ин маврид ба истеҳсоли воситаҳои механизатсияи хурд барои ҳамаи соҳаҳои сектори аграрӣ, махсусан кооперативҳо, хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ва иҷоравӣ равона карда мешавад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳоло асосан як зоти чорвои самти гӯштӣ – сарсафеди қазоқӣ, ҳамчунин зоти тоҷикии ало (сиёҳу сафед), парвариш карда мешавад ин шумор онҳо дар маҷму сафед ҳам кам аст,алаан чорвои маҳаллӣ бештар парвариш карда мешавад.

Натиҷаи омузиш ва тахлил нашуду ки, дар ҷаҳон ду намуди технологияи интенсивӣ ва экстенсивии истеҳсоли гӯшти гов мавҷуд аст.

Технологияи интенсивӣ ба парвариш ва хӯрокдиҳии чорво бо истифодаи дастовардҳои навтарини илм ва техника асос ёфтааст. Дар ин маврид ҳиссаи зиёдро истеҳсолоти саноатӣ ташкил медиҳад, чорво дар биноҳои дорои таҷҳизоти ҳозиразамон, бо механизатсия ва автоматизатсияи ҳамаи равандҳои технологӣ, назорати автоматӣ ва нигоҳдории нишондиҳандаҳои мувофиқи зиндагии чорво ва ҳайати хизматрасон нигоҳ дошта мешавад.

Чунин ташкили кор меҳнати инсон ва иштироки ӯро дар амалиётҳои вазнин то дараҷаи камтарин кам менамояд, ҳосилнокии меҳнатро ба таври назаррас афзун мекунанд, ҳосилнокии баландтарини чорво ва вобаста ба ин арзиши аслии камтарини маҳсулотро таъмин месозад.

Технологияи экстенсивӣ низ ба камкунии ниҳоии хароҷот равона шудааст, аммо ин корро бо роҳи ташкили парвариши чорво дар шароити нисбатан ба шароити табиӣ наздик ба роҳ мемонад. Чун қоида чорво ба таври табиӣ насли худро идома медиҳад, дар бинои тарзи муқаррарии сабук нигоҳ дошта мешавад, ки танҳо вайро аз боришот ва шамол ҳифз менамояд. Таъмини чорво ба оби босифати басанда омили муҳимми ҳосилнокии баланди он ба ҳисоб меравад.

Ба самаранокии иқтисодии фаъолият таъсири асосиро бино ва иншооти истифодашаванда мерасонанд. Ҷорисозии технологияҳои ҳозиразамон бо сохтмони биноҳои нав ё аксар вақт азнавсозии биноҳои мавҷуда барои нигоҳдории чорво ҳамроҳ аст. Баландшавии арзиши хӯрокаҳои консентратсиякунонда, техника, захираҳои энергия ба фоидаоварии манфии истеҳсоли гӯшти гов, косташавии истеҳсолот, камшавии миқдори чорвои калон ва интенсивияти истеҳсолот, дар сектори крхонаҳои хоҷагии қишлоқ (сектори давлатии онҳо дар

соҳаи кишоварзи) косташавии шавқмандии истеҳсолкунандагони хоҷагии кишоварзӣ ба парвариши чорво оварда мерасонад. Дар соли 2016 саршумори чорвои калон, аз он ҷумла гов дар хоҷагиҳои таҳлилшаванда ба таври назаррас зиёд шудааст (*нигаред ба ҷадвали 1*):

***Ҷадвали* 1. - Динамикаи чорвои калону хурди шохдор ва паранда дар вилоятҳо ва НТҶ-и Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 1991, 2012-2017 (сар)**

| **Номгӯйи чорво (дар ҳамаи категорияҳои хоҷагиҳо)** | **Номгӯйи гӯшт** | **Солҳо** | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | **1991** | **2012** | **2013** | **2014** | **2015** | **2016** | **2017** |
| Ҷумҳурии Тоҷикистон | ЧКШ | 1390,7 | 2043,7 | 2099,0 | 2128,1 | 2209,1 | 2278,0 | 2317,2 |
| | ЧХШ | 3354,9 | 4732,5 | 4923,6 | 5056,6 | 5279,3 | 5456,2 | 5581,5 |
| | Паранда ҳама намуд | 6586,3 | 4851,1 | 5020,4 | 5247,9 | 5142,9 | 5051,4 | 5217,0 |
| ВМКБ | ЧКШ | 764,6 | 106,2 | 109,4 | 110,9 | 114,5 | 117,2 | 118,2 |
| | ЧХШ | 314,,3 | 319,3 | 354,7 | 361,2 | 366,7 | 375,4 | 399,1 |
| | Паранда ҳамаи намуд | 126,2 | 127,7 | 128,2 | 128,1 | 129,9 | 129,9 | 129,4 |
| Вилояти Суғд | ЧКШ | 372,0 | 560,0 | 579,8 | 584,7 | 623,9 | 634,2 | 641,8 |
| | ЧХШ | 113,9 | 130,4 | 135,8 | 138,9 | 146,6 | 150,0 | 152,1 |
| | Паранда ҳамаи намуд | 255,6 | 133,6 | 146,6 | 152,1 | 168,4 | 163,5 | 171,8 |
| Вилояти Хатлон | ЧКШ | 597,2 | 853,2 | 863,8 | 870,8 | 898,6 | 944,8 | 968,1 |
| | ЧХШ | 115,2 | 194,3 | 198,8 | 202,1 | 209,5 | 221,1 | 226,2 |
| | Паранда ҳамаи намуд | 896,3 | 155,6 | 258,4 | 162,9 | 169,7 | 177,2 | 180,9 |
| НТҶ | ЧКШ | 336,2 | 523,3 | 545,8 | 561,6 | 572,0 | 581,7 | 589,0 |
| | ЧХШ | 736,2 | 116,5 | 122,1 | 128,4 | 135,0 | 136,8 | 139,9 |
| | Паранда ҳамаи намуд | 310,9 | 183,2 | 184,1 | 196,9 | 163,2 | 151,3 | 155,8 |

***Сарчашма:*** *ҷадвали аз рӯйи маводи Маҷмуаи омории Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2018. -С. 221-234, 244 тартиб дода шудааст.*

Рақамҳои ҷадвали 1 нишон медиҳад, ки дар соли 2017 саршумори чорвои калон, бузу гӯсфанд дар ҳамаи категорияҳои хоҷагиҳо тамоюли афзоиш дорад. Масалан дар соли 2017 саршумори чорвои калони шохдор дар муқоиса бо соли 1991ба 3153,2 ҳазор сар расидааст ё ин ки 66% афзудааст.

Аммо саршумори чорвои калон дар корхонаҳои хоҷагии кишоварзӣ ба миқдори 491,3 ҳазор сар, аз он ҷумла гов 130,8 ҳазор сар кам шудааст. Камшавии саршумори чорвои калон дар корхонаҳои хоҷагии кишоварзӣ ба хусусигардонии аксар фермаҳо вобаста аст, ки дар пойгоҳи онҳо хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) таъсис дода шуданд. Афзоиши саршумори чорвои калон ва гов дар хоҷагиҳои аҳолӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) далели гуфтаи болост.

Дар ҳудуди ҳар як вилоят, чун қоида микроминтақаҳои заминию иқлимӣ ҷудо карда мешаванд. Ҷобаҷогузории сарфакоронаи хоҷагии кишоварзӣ дар онҳо омили муҳимми афзоиш ва арзоншавии истеҳсоли говҳо ва маҳсулоти дигар, ҳамчунин истифодаи сарфакоронаи захираҳои меҳнатӣ, замин ва моддию техникӣ мебошад, зеро ҳосилдеҳии зироатҳои хоҷагии кишоварзӣ ва ҳосилнокии чорво дар он ҷойҳое баландтар аст, ки шароити нисбатан мусоид мавҷуд аст.

Афзоиши саршумори гов дар хоҷагиҳои таҳлилшаванда асосан аз ҳисоби афзоиши чорво дар моликияти шахсии аҳолӣ таъмин карда мешавад, ки аз баландшавии талабот ба гӯшт ва шир вобаста аст. Баландшавии махсулнокӣ ва афзоиши саршумори говҳо асосан аз тайёркунии ҳаҷми зарурии хӯрокаи консентратсияшуда, ширадор ва хушк, ҳамчунин аз истифодаи сарфакоронаи он вобаста аст, зеро хӯрокӣ яке за маҳсулоти муҳимтарини афзоиши саршумори чорво ба ҳисоб меравад. Рақамҳои мавҷудаи хоҷагиҳо аз тағйирёбии вазни қиёсии говҳо дар категорияҳои хоҷагиҳо дарак медиҳад.

Чӣ тавре ки таҳқиқот нишон медиҳад, баромади маҳсулот аз вазни қиёсии гов вобаста аст, ки дар ин бора натиҷаҳои гурӯҳбандии хоҷагиҳо дарак медиҳад (*нигаред ҷадвали 2*):

***Ҷадвали 2***

**Динамикаи тағйирёбии сохтории саршумори чорвои калон ва хурди шохдор ва паранда дар вилоятҳо ва НТҶ-и Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 1991-2017 (дар ҳамаи категорияҳои хоҷагиҳо) (бо%)**

| **№** | **Номгӯйи вилоятҳо ва НТҶ** | **Номгӯйи ҳайвонот** | **Солҳо** | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | **1991** | **2012** | **2013** | **2014** | **2015** | **2016** | **2017** |
| 1 | ВМБК | ЧКШ | 5,71 | 5,20 | 5,22 | 5,21 | 5,18 | 5,15 | 4,85 |
| | | ЧХШ | 9,37 | 6,75 | 7,21 | 7,14 | 6,95 | 6,88 | 7,15 |
| | | Паранда | 0,34 | 5,60 | 5,54 | 5,44 | 2,49 | 2,57 | 2,49 |

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 2 | Вилояти Суғд | ЧКШ | 26,54 | 27,40 | 27,63 | 27,47 | 28,25 | 27,62 | 28,45 |
| | | ЧХШ | 33,54 | 27,57 | 27,59 | 27,47 | 27,78 | 27,50 | 27,25 |
| | | Паранда | 38,76 | 27,54 | 29,21 | 28,99 | 32,75 | 32,38 | 32,25 |
| 3 | Вилояти Хатлон | ЧКШ | 42,95 | 41,80 | 41,16 | 40,92 | 40,68 | 41,69 | 42,43 |
| | | ЧХШ | 34,34 | 41,06 | 40,39 | 39,98 | 39,69 | 40,53 | 40,53 |
| | | Паранда | 13,61 | 32,09 | 31,57 | 31,04 | 33,01 | 35,05 | 34,68 |
| 4 | НТҶ | ЧКШ | 24,80 | 25,61 | 26,00 | 26,39 | 25,89 | 25,54 | 24,26 |
| | | ЧХШ | 22,76 | 24,62 | 24,82 | 25,41 | 25,58 | 25,09 | 25,07 |
| | | Паранда | 47,29 | 37,76 | 36,67 | 37,52 | 31,74 | 30,00 | 29,88 |
| | Ҳамагӣ дар ҷумҳурӣ | ЧКШ | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 |
| | | ЧХШ | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 |
| | | Паранда | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 |

***Сарчашма**: ҳисобкуниҳои муаллифон дар асоси маводи маҷмуаи оморӣ хоҷагии қишлоқ. Тоҷикистон, 2018, саҳ.221-234.*

Таҳлили таркиби саршумори чорво ва ҷойгиронии онҳо дар ҳудуди ҷумҳурӣ нишон медиҳад, ки агар дар соли 1991 дар хоҷагиҳои ВМКБ 5,71%-и миқдори умумии чорвои калони шохдор, 9,37%-и чорвои хурди шохдор ва 0,34% -и паранда ҷой гирифта бошад, он гоҳ ин нишондиҳанда дар соли 2017 тағйир ёфтааст; он мутобиқан 4,86, 7,15 ва 2,49%-ро ташкил медиҳад; саршумори онҳо мутобиқан 54,6, 27,0% ва 5,7 баробар афзудааст.

Ғайр аз ин, таҳлил нишон медиҳад, ки дар соли 2017 – 42,43%-и миқдори чорвои калони шохдор, 40,43%-и чорвои хурди шохдор ва 34,68%-и паранда дар ҳудуди вилояти Хатлон ҷой гирифта буд. Дар хоҷагиҳои вилояти Суғд дар соли 2017 28,45% -и саршумори чорвои калони шохдор, 27,25% -и чорвои хурди шохдор ва 32,95%-и парандаи ҷумҳурӣ ҷой гирифта буданд. Ин рақамҳо мутобиқан дар НТҶ ба 24,26, 25,07 ва 29,88%-и саршумори умумии чорвою парандаи ҷумҳурӣ баробар буд.

Ба андешаи мо дар ҳолати ҷойгиронии дуруст дар оянда ба рушди чорводорӣ дар ҷумҳурӣ ноил гаштан мумкин аст. Дар ин маврид зарур аст, ки ба қоидаҳои худтаъминкунии минтақаҳо бо назардошти имкониятҳои самаранокии рушди онҳо бояд риоя кард. Аз ин рӯ, таваҷҷуҳро бештар ба таъмини чорво бо хӯрока бояд равона кард. Барои ин зарур аст, ки шароити рушди барномавии чорводории гӯштӣ, махсусан дар минтақаҳои кӯҳӣ ба назари эътибор гирифта шавад. Таҳлили гурӯҳбандии хоҷагиҳо аз рӯйи вазни қиёсии чорво дар рама нишон медиҳад, ки ҳамон қадар вазни қиёсии чорво баланд бошад, ҳамон қадар инкишофи чорво ба ҳисоби 1 сар гов зиёд хоҳад буд (*нигаред ҷадвали 3*):

***Ҷадвали 3.* - Гурӯҳбандии хоҷагиҳо аз рӯйи вазни қиёсии гов дар рама дар соли 2017**

| Вазни қиёсии говҳо, % | Миқдори хоҷагиҳо дар гурӯҳ | Аҳамияти миёнаи фосилаҳо | Ба 100 сар гов гӯсола гирифта шуд | Ба ҳисоби 1 сар гов афзоиши вазни зинда ба даст омад, кг. |
|---|---|---|---|---|
| то 50 | 12 | 47,5 | 75 | 154 |
| 50 – 55 | 13 | 52,5 | 78 | 162 |
| 55 – 60 | 7 | 57,5 | 81 | 178 |
| Баланд аз 60 | 1 | 62,5 | 88 | 187 |
| Ба ҳисоби миёна | 8 | 55 | 80 | 170 |

Бояд қайд кард, ки тағйирёбии саршумор ва вазни қиёсии саршумори говҳо дар категорияҳои гуногуни хоҷагиҳо нишон медиҳад, ки миқдор ва вазни қиёсии саршумори говҳо дар корхонаҳои хоҷагии кишоварзӣ ба таври назаррас кам шудааст. Дар хоҷагиҳои шахсии аҳолӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) андаке афзудааст, бароми мсило дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) саршумори гов дар муқоиса ба соли 2014-ум дар соли 2017-ум баробари 49,4% зиёд шудааст.

Дар ҷадвали 4 рақамҳои дурнамои рушди чорводорӣ дар хоҷагиҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст. Истеҳсолоти умумии гӯшт асосан дар хоҷагиҳои шахсии ёрирасон ва хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) анҷом мепазирад.

***Ҷадвали 4.* - Дурнамои рушди чорводорӣ дар хоҷагиҳои Ҷумҳурӣ Тоҷикистон дар зардиҳо соли 2020 ва 2030**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | Суръати афзоиш дар с. 2030 ба ҳисоби % назар ба солҳои | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | воқей | | | пешбинӣ | | | | | |
| | 2014 | 2015 | 2016 | 2020 | 2030 | 2014 | 2015 | 2016 | 2020 |
| *Дар ҳамаи категорияҳои хоҷагӣ* | | | | | | | | | |
| **Саршумори ЧКШ, ҳазор сар** | 2128,1 | 2209,1 | 2278,1 | 2720,3 | 3425,3 | 160,9 | 155,0 | 150,3 | 125,9 |
| **Аз он ҷумла гов, ҳазор сар** | 1093,4 | 1131,9 | 1168,4 | 1639,0 | 2241,0 | 204,9 | 197,9 | 191,8 | 136,7 |
| **Истеҳсоли умумии гӯшт, ҳазор тонна** | 198,7 | 217,7 | 233,3 | 322,7 | 394,7 | 198,6 | 181,3 | 169,1 | 122,3 |

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| *Дар корхонаҳои хоҷагиии кишоварзӣ* | | | | | | | | | |
| **Саршумори ЧКШ, ҳазор сар** | 29,6 | 26,4 | 24,8 | 34,1 | 30,1 | 101,6 | 114,0 | 121,3 | 88,2 |
| **Аз он ҷумла гов, ҳазор сар** | 8,8 | 7,7 | 7,4 | 10,4 | 9,8 | 111,3 | 127,2 | 132,4 | 94,2 |
| **Истеҳсоли умумии гӯшт, ҳазор тонна** | 4,2 | 4,1 | 3,7 | 4,9 | 4,8 | 114,2 | 117,0 | 129,7 | 97,9 |
| *Дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)* | | | | | | | | | |
| **Саршумори ЧКШ, ҳазор сар** | 129,2 | 133,5 | 136,1 | 250,9 | 700,9 | 5,4 бароб ар | 5,2 бароб ар | 5,1 бароб ар | 2,8 бароб ар |
| **Аз он ҷумла гов, ҳазор сар** | 34,6 | 36,1 | 36,7 | 51,7 | 161,7 | 4,6 бароб ар | 4,4 бароб ар | 4,4 бароб ар | 3,1 бароб ар |
| **Истеҳсоли умумии гӯшт, ҳазор тонна** | 7,0 | 7,4 | 8,1 | 11,5 | 19,5 | 2,7 бароб ар | 2,6 бароб ар | 2,4 бароб ар | 1,7 бароб ар |
| *Дар хоҷагиҳои шахсии ёрирасони аҳолӣ* | | | | | | | | | |
| **Саршумори ЧКШ, ҳазор сар** | 1969,2 | 2049,0 | 2117,0 | 2735,3 | 3094,3 | 157,1 | 151,0 | 146,1 | 113,1 |
| **Аз он ҷумла гов, ҳазор сар** | 1049,9 | 1088,0 | 1124,2 | 1776,9 | 2269,5 | 2,1 бароб ар | 2,1 бароб ар | 2,0 бароб ар | 127,7 |
| **Истеҳсоли умумии гӯшт, ҳазор тонна** | 187,4 | 206,1 | 221,4 | 272,3 | 328,4 | 1,8 бароб ар | 1,6 бароб ар | 1,5 бароб ар | 120,6 |

Барои мисол дар соли 2030-юм истеҳсоли гӯшт дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) назар ба соли 2016 – 2,4 маротиба ва дар хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ бошад 1,5 маротиба бояд афзояд. Дар охири давраи пешгӯишаванда саршумори чорвои калони шохдор дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) баробари 5,1 маротиба, говҳо 3,1 маротиба меафзояд.

Дар соли 2030 саршумори чорвои калони шохдор дар ҳамаи категорияҳои хоҷагӣ назар ба соли 2016-ум 1,3 маротиба, говҳо бошад, 1,5 маротиба меафзояд. Ба ин сол, ҳамчунин дар назар дошта шудааст, ки истеҳсоли умумиии гӯшт дар хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ то 394,7 ҳазор тонна, дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) то 19,5 ҳазор тонна расонда мешавад. Ҳамин тавр, дар муқоиса бо нишондиҳандаҳои соли 2016 истеҳсоли умумии гӯшт дар ҳамаи категорияҳои хоҷагӣ дар соли 2030 то 161,4 ҳазор тонна расонда мешавад. Ин рақамҳо шоҳиданд, ки дар хоҷагиҳои водии номбурда захираҳои назарраси баландбардории махсулнокӣ ва афзоиши истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ мавҷуданд.

Бояд қайд кард, ки дар кори ба таври муваффақ ҷорӣ намудани парвариши интинсивӣ, хӯрокдиҳӣ ва парвариши чорвои калони шохдор, махсусан барои васеънамоии парвариш аз ҳисоби партовҳои саноати хӯрокворӣ ташкили хоҷагиҳои калони махсусонида оид ба истеҳсоли гӯшти нов, ҳамчунин иҷрои махсусонидани дохилихоҷагӣ ва ташкили ферма ва бригадаҳо оид ба парвариш ва хӯрокдиҳии чорво аҳамияти бузургро дорост.

Истеҳсоли умумии гӯшт дар соли 2017 (бо вазни зинад) дар ҳамаи категорияҳои хоҷагиҳо дар муқоиса бо соли 1991 зиёд аз 154,0%-ро ташкил медиҳад. Аз ин бармеояд, ки арзёбии сифати гӯшт аз рӯйи нишондиҳандаҳои объективӣ ва субъективӣ имконият медиҳад талаботи истеъмолгарон ба назари эътибор гирифта шавад, технологияи парвариши чорво тағйир дода шавад, синнусоли дилхоҳи забҳи чорво муайян карда шавад, усулҳои кори зотпарварӣ тағийр дода шавад. Маълум аст, ки ба ҳосилнокии гӯшт ва сифати он сатҳи хӯрокдиҳӣ таъсир мерасонад. Бо баланд бардоштани сатҳи хӯрокдиҳӣ ва фарбеҳии чорво сифат ва бартарии хӯрокии гӯшти гов аз омилҳои зиёд вобаста мебошад: хӯрокдиҳии пурра арзишдор, зот, синну сол, ҷинс ва безурётгардонӣ. Вазифаи асосии чорводории гӯштӣ ҳамчун соҳаи мустақили моли чорводорӣ истеҳсоли гӯшти гови баландсифат ва ашёи хоми пӯстӣ вазнини аз ҳисоби парвариши чорвои калони шохдори зоти махсусонида мебошад.

Ҳамчунин бояд қайд кард, ки сифати гӯшт аз таносуби бофтаҳои мушакӣ, чарбу ва устухонӣ, таркиби химиявии лаҳми гӯшт, мавҷудияти равған дар он, сафеда, андозаи нишондиҳандаи сифатии сафеда, ҳамчунин аз нармӣ, обдорӣ, мармарият, таъм, бӯй, қобилияти хуб нигоҳдоришавӣ вобаста аст. Сифати гӯштро аз рӯйи се нишондиҳандаи асосӣ муайян мекунанд: морфологӣ, физикию химиявӣ ва органолептикӣ. Дар маҷмуъ ҳамаи онҳо имконият медиҳанд дар бораи арзиши хӯрокӣ, биологӣ ва кулинарии гӯшт ба хулосаи муайян омада шавад.

Барои арзёбии самаранокии корхонаи хоҷагии кишоварзӣ танҳои нишондиҳандаҳои даромад кофӣ нестанд. Барои мисол ду корхона даромади аз рӯйи андоза якхела мегиранд, аммо дорои арзиши гуногуни фондҳои истеҳсолӣ мебошанд. Ҳамон корхона нисбатан босамар кор мекунад, ки дар он арзиши фондҳои

истеҳсолӣ нисбатан камтар аст.

Ҳамин тавр, барои арзёбии самаранокии кори корхона зарур аст, ки даромад ва арзиши фондҳои истеҳсолие, ки бо ёрии онҳо фондҳои ташкил дода шудаанд, муқоиса карда шаванд. Маҳз ин нишондиҳандаи даромаднокӣ ба ҳисоб меравад. Нишондиҳандаи даромаднокӣ бо ҳамаи нишондиҳандаҳои самаранокии истеҳсолот, аз он ҷумла бо арзиши аслии маҳсулот, дарбаргирии фондии он, суръати гардиши воситаҳои гардон дар алоқамандӣ мебошад.

Афзоиши сатҳи фоидаоварӣ, ки аз рӯйи даромади балансӣ ҳисоб карда шудааст, мумкин аст аз ҳисоби се омили асосӣ таъмин карда шавад:

- афзоиши ҳаҷми даромад;
- беҳтаргардонии истифодаи сармояи асосӣ;
- беҳтаркунии истифодаи воситаҳои гардон.

Ба сатҳи фоидаоварӣ, ки дар асоси даромади соф ҳисоб карда шудааст, баробари омилҳои дар боло зикршуда сатҳи андозбандии даромади корхона низ таъсир мерасонад. Маҳсулоти чорводорӣ мумкин аст дар корхонаҳое бароварда шаванд, ки замин ҳамчун пойгоҳи ҳудудӣ барои маҷмуи чорводорӣ хизмат кунад. Аммо чорводорӣ дар умум аз хӯрокае, ки аз соҳаи растанипарварӣ ба даст омадааст, вобаста аст, партовҳои соҳаи растанипарварӣ, ки барои истеъмоли инсон кор намеоянд, васеъ истифода бурда мешаванд.

Аз ин бармеояд, ки дар ин давра роҳи асосии рушди чорводорӣ ин интенсификатсия соҳа хоҳад буд. Шарти муҳимтарин дар ин бобат махсусонидани минбаъда ва муттаҳидгардонии истеҳсолот дар пойгоҳи кооператсияи байнихоҷагӣ, механизатсияи ҳаматарафа ва пурра, автоматикунонии равандҳои заҳматталаб дар чорводорӣ дар якҷоягӣ бо технологияҳои нави истеҳсолӣ, электрофикатсияи минбаъдаи фермаҳо, беҳтаргардонии сифатҳои зотӣ ва маҳсулнокии чорво, ҳамчунин тармими биноҳо ва таҷҳизоти мавҷуда ба ҳисоб мераванд. Яке аз шартҳои асосии тайёркунии дуруст, тақсим ва баландбардории минбаъдаи самаранокии чорводорӣ ин таъмини соҳа бо кадрҳои зарурии тахассусманд мебошад, зеро чорводории ҳозиразамон аз кадрҳо талаботи махсусро меҳоҳад.

**Адабиёт:**

1. Назаренко В, Шмелев Г. Государственная политика в аграрной сфере //Вопросы экономики. - 1996, - № 9, - С. 40-53.
2. Корняков В. Рыночные отношения: различные подходы // Экономист. -1995. -№ 10. - С. 76-87.

## АННОТАЦИЯ
## ЭФФЕКТИВНОСТЬ ПРОИЗВОДСТВА МЯСА И МЯСОПРОДУКТОВ

В научной статье рассматривается вопросы и механизмы повышения эффективности производства мясо во всех категориях хозяйство Республики Таджикистан. В условиях перехода к рыночной экономики, интенсивность и экстенсивность технология продукции мясо, анализируется динамике поголовья КРС и его влияния на объем продукции. Группировки хозяйств по удельному весу коров рассматривается его связь с продуктивностью перспективны прогноз поголовья и производство продукции мясного животноводство в разрезе типы хозяйство в Республике Таджикистан и определено его экономическая эффективность.

## ANNOTATION
## EFFICIENCY OF MEAT AND MEAT PRODUCTS PRODUCTION

The scientific article is talking about the issues and mechanisms to increase the economy of production efficiency of meat in all categories of the household of the Republic of Tajikistan. In the transition to a market economy, the intensity and extensiveness of the technology of production of meat, the dynamics of the cattle are analyzed by Agroindustrial Complex. Small horned livestock, structural changes in livestock and its impact on the volume of production and sold meat, achieving grouping of the farm by specific cows in the statistical considered its relationship with the productive (meat products per 1 cow head), turns into a long-term forecast of livestock and production beef production in the types of farms in the Republic of Tajikistan, the definition of its economic efficiency in agriculture.

***Key words:*** *reforms of producers, financial and material resources, infrastructure, intensive breeding technology, meat productivity, meat products.*